**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ**

**Парвандаи аттестатсионии №_____**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19.11.2025, № 39.3**

Барои сазовор донистани Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ

Диссертатсия дар мавзуи «Механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа: назария, методология, амалия (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя 31 июли соли 2025 қабул карда шудааст, протоколи № 39.2 шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1), ки бо фармоиши Раиси КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025, № 289/шд таъсис ёфтааст.

Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ соли 2000 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро бо тахассуси иқтисодчӣ, соли 2014 МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»-ро бо тахассуси омӯзгори таърих ва соли 2024 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо тахассуси ҳуқуқшинос хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатиашро соли 2000 ба ҳайси мутахассиси шуъбаи омори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров оғоз намуда, аз соли 2004 то соли 2020 дар вазифаҳои гуногуни хизмати давлатии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров фаъолият намудааст. Аз соли 2020 ба ҳайси омӯзгори МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» фаъолияти худро идома дода, дар вазифаҳои декани факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, ҳоло декани факултети иқтисодиёт ва технологияи инноватсионии муассисаи таълимии мазкур фаъолият намуда истодааст.

Соли 2020 дар мавзуи «Такмили механизми рушди устувори ҳудудҳои кишоварзи минтақаҳои сераҳолӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» рисолаи номзадиро аз рӯи ихтисоси 08.00.05 –

Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти минтақавӣ) дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии «Номзади илмҳои иқтисодӣ» гардидааст.

Аз соли 2021 ҳамчун докторанти кафедраи назарияи иқтисоди Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» ба қайд гирифта шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисоди МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» иҷро шудааст.

**Мушовири илмӣ** – Азимов Абдумавлон Ҷалилович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд».

**Муқарризони расмӣ:**

Самандарзода Искандар Ҳусейн, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Бобоҷониён Даврон Дадоҷон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини директор оид ба таълими Муассисаи давлатии «Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанд»-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Мирсаидов Саидакмал Аврорович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:**

Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси маҷлис – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, академики АИКТ Пиризода Ҷ.С., котиби маҷлис - номзади илмҳои иқтисодӣ, ходими пешбари илмии шуъба Файзуллаева К.Н., ташхисгар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори шуъбаи омӯзиш ва мониторинги амнияти озуқаворӣи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ Раҳматзода Ҳ.Б. ба имзо расонида, аз ҷониби директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон тасдиқ

гардидааст, қайд шудааст, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилона ва баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад ва муаллифи он Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ 39 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:**

**Монографияҳо**

1. Ҳакимзода, М.М. Асосҳои назариявӣ-методии рушди устувори соҳаҳои комплекси озуқаворӣ / Монография / М.М. Ҳакимзода // Нашриёти «Ношир». – Хуҷанд, 2024. – 175 с.

2. Ҳакимзода, М.М. Механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ / Монография / М.М. Ҳакимзода // Нашриёти «Ношир». – Хуҷанд, 2024. – 172 с

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА**

3. Ҳакимзода, М.М., Вазъияти сиёсӣ ва иқтисодии ВМКБ ваислоҳоти соҳаи кишоварзӣ дар солҳои 90-уми асри XX / М.М. Ҳакимзода, Ф.Ш. Мазамбекова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Душанбе, № 6 - 2(101). – 2022. – С. 277-282.

4. Ҳакимзода, М.М. Иҷлосияи XVI - асоси рушди устувори соҳаҳои маҷмааи озуқаворӣ ва таъмини амнияти озуқавории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.М. Ҳакимзода // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ « Кишоварз». Душанбе, № 2(99). – 2023. – С. 229-233.

5. Ҳакимзода, М.М. Хусусиятҳои ташаккули комплекси озуқаворӣ ва афзалиятҳои рақобатпазирии он дар минтақаи сераҳолӣ / М.М.Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, № 9. - 2023. – С. 97-103.

6. Ҳакимзода, М.М., Омилҳои таъсиррасон ба рушди босуботи комплекси хӯроквории минтақаи сераҳолӣ / М.М. Ҳакимзода, А.Ҷ. Азимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, № 10. Қисми 2. – 2023. – С. 171-178.

7. Ҳакимзода, М.М. Комплекси озуқаворӣ дар сохтори иқтисодиёти бозорӣ / М.М. Ҳакимзода // Гузориши Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. Душанбе, № 3(77). – 2023. – С. 103-107.

8. Ҳакимзода, М.М. Ташаккулёбии рақобатпазирӣ дар шароити гузариш ба рушди босуботи иқтисодиёти минтақа / М.М. Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, № 3 (53). – 2024. – С. 414-422.

9. Ҳакимзода, М.М., Принсипҳои ташхиси иқтисодии рушди устувори маҷмуаи озуқаворпии минтақаҳои сераҳолӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти сабз / М.М. Ҳакимзода, А.А. Ҷабборов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе, № 1(274). – 2024. – С. 89-95.

10. Ҳакимзода, М.М., Асосҳои консептуалии таҳлили рушди устувори комплекси озуқаворӣ / М.М. Ҳакимзода, А.Ҷ. Азимов, А.А. Ҷабборов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бохтар, № 1/2(122). – 2024. – С. 350-356.

11. Ҳакимзода, М.М. Таҷриба хориҷии рушди устувори комплекси озуқаворӣ / М.М. Ҳакимзода // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ “Кишоварз”. Душанбе, № 3(104). – 2024. – С. 133-144.

12. Ҳакимзода, М.М. Афзалиятҳо ва баланд намудани рақобатпазирии комплекси озуқаворни минтақаҳои сераҳолӣ / М.М. Ҳакимзода // Маҷаллаи илмию сиёсии академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Идоракунии давлатӣ». Душанбе, № 3(68). – 2024. – С. 78-88.

13. Ҳакимзода, М.М., Коркарди механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ ва соҳаҳои он дар минтақаҳои сераҳолӣ / М.М. Ҳакимзода А.Ҷ. Азимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, № 7. - 2024. – С. 121-132.

14. Ҳакимзода, М.М. Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ / М.М. Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Душанбе, № 3 (53). – 2024. – С. 110-124.

15. Ҳакимзода, М.М. Рушд ва мушкилотҳои комплекси озуқаворӣ дар шароити иқтисодиёти сабз / М.М. Ҳакимзода // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. Душанбе, № 3(277). – 2024. – С. 89-95.

16. Ҳакимзода, М.М. Саноатикунонии босуръат – асоси рушди устувори комплекси озуқаворни минтақаҳои сераҳолӣ / М.М.Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, № 9. - 2024. – С. 119-123.

17. Ҳакимзода, М.М. Имкониятҳои иқтидории КАС ва ташаккули рақобатпазирии комплекси озуқаворӣ дар вилояти Суғд / М.М.Ҳакимзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе, № 10. - 2024. – С. 120-131.

18. Хакимзода, М.М., Авоматизация и устойчивое развитие влияние на ресурсо - и энергосбережение в промышленности / М.М. Ҳакимзода,

И.М. Сафаров, М.С. Халиев // Экономика и управление: проблемы, решения. Научно-практический, теоретический журнал. Россия, 11 Том 7(152). – 2024. – С. 4-13.
19. Ҳакимзода, М.М. Истифодаи оқилонаи захираҳои об ҳамчун механизми рушди устувори комплекси озуқаворӣ / М.М. Ҳакимзода // Маҷаллаи илмию сиёсии академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Идоракунии давлатӣ». Душанбе, № 1(72). – 2025. – С. 58-64.

**Ба автореферат чунин тақризҳо ворид гардиданд:**

**1. Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон бо эроди зерин: агар дар автореферат ба бозори озуқаворӣ ва тиҷорати электронӣ, ки дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ аҳаммияти афзоянда доранд, таваҷҷӯҳи хоса дода мешуд, моҳияти таҳқиқот пурарзиш мегардид.

**2. Низомова Тӯҳфамоҳ Давлатовна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо эроди зерин: дар баъзе мавридҳои таҳқиқоти илмӣ услуби матн аз ҷиҳати академӣ каме мураккаб буда, соддатар ифода мешуд, самаранокии онро нишон медод.

**3. Бобозода Комил Олимҷон** – доктори илмҳои иқтисодӣ, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо эроди зерин: баъзе камбудиҳо аҳаммияти илмию амалии кори илмиро паст накунанд ҳам, аммо барои мукаммал кардани натиҷаҳои таҳқиқот, бояд ба инобат гирифта шаванд. Камбудиҳову костагиҳои бештар бо таҳрири на он қадар саҳеҳи матни автореферат вобаста буда, дар баъзе қитъаҳои матн дониста гирифтани мазмуни марказии он мушкил мегардад.

**4. Раҳимзода Ҳусайн Раҳим** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, и.в. мудири кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо эроди зерин: 1) агар муаллиф зимни таҳқиқ ва баррасӣ ба масъалаҳои омӯзиши механизмҳои идоракунии самаранокии равандҳои рушди устувор дар бахши озуқаворӣ диққат медод, боз ҳам мазмуну мундариҷаи авторефератро бою ғанӣ мегардонид. 2) дар саҳифаи 27-и автореферати диссертатсия, ҷадвали 4, тағйирёбии истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати хӯрокворӣ дар вилояти Суғд барои давраи солҳои 2015-2023 ҳисоб карда шудааст. Хубтар мешуд, дар чунин ҳолат муаллиф ба нишондиҳандаҳои арзишӣ, аз қабили даромад, даромади соф, фоида ва дараҷаи даромаднокӣ аз ҳисоби истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти асосии саноати хӯрокворӣ такя намуда, ҳамзамон

ҷадвалҳои аналитикӣ таҳия ва пешниҳод менамуд, ки метавонист самаранокии чунин нишондиҳандаҳоро боз ҳам аниқтару дақиқтар намояд.

**5. Краковская Ирина Николаевна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии Мордова ба номи Н.П. Огарёваи Федератсияи Русия бо эродҳои зерин: 1) дар ҷадвалҳои 11, 12 ва 13-и автореферат бояд таҳлили аналитикӣ гузаронида мешуд, ки нишондиҳандаҳои таҳлилиро амиқтар мегардонид; 2) агар дар автореферат ҳаҷми истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилиро мувофиқи минтақаҳо нишон медод, таҳлили он саҳеҳтар мегардид.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок карда шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он мудаллал карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ оид ба самти илмии дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- ***коркард карда шуд:*** муқарраротҳои илмӣ оид ба рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа, ки барои давом додани ислоҳоти аграрӣ, таъминоти шароити мусоид барои пешрафти соҳаи кишоварзӣ, баланд намудани маҳсулнокӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, истифодабарии самараноки об ва энергия, рушди устувор, баланд намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва амнияти озуқавории мамлакат мусоидат менамоянд.

- ***ақида пешниҳод шудааст,*** ки таъмини рушди фаъолияти комплекси озуқаворӣ тавассути самаранок истифодабарии заминҳои кишоварзӣ, захираҳои меҳнатӣ, ташкили илмии меҳнат ва ҷараёни идоракунӣ барои ғанигардонии бозори истеъмолии вилоят бо маҳсулоти хӯрокаи истеҳсолоти худӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа мусоидат менамояд.

- ***исбот шудааст,*** ки зарурияти ташаккулёбии бозори озуқавории инкишофёфтаи маҳсулоти рақобатпазир, ҳал намудани мушкилоти таъминоти аҳолии минтақа бо озуқавории солим, ташаккулёбии муҳити мусоиди рушд дар деҳот, оқилона ҷойгиркунии комплекси озуқаворӣ

тибқи талаботи ояндаи аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, хусусияти мавсимии истеҳсолот дар кишоварзӣ, шадидии рақобат дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ, пайдоиши таҳдидҳо дар таъмини аҳолии минтақа бо озуқаворӣ иборат мебошад;

- ***ҷорӣ намудани*** саҳеҳӣ ба мундариҷаи мафҳуми таҳқиқот дар асоси низомбандӣ намудани таъиноти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маконӣ ва функсионалии соҳаи комплекси озуқаворӣ, ки тибқи он комплекси озуқаворӣии минтақа низоми баҳамалоқаманди соҳаҳо оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад, ки бевосита истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ, ҳамчунин соҳаҳои танзим ва назорати онҳоро дар бар мегирад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки:

***исбот намудани*** консепсияҳои тараққиёти иқтисодиёти ҳудудҳо ва соҳаҳо, алалхусус, комплекси озуқаворӣ, такмили методологияи арзёбии он, коркарди механизму тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар минтақа инъикос меёбад. Асоснок гардидааст, ки баррасии самтҳои гуногуни илмӣ оид ба ташаккули рушди устувори комплекси озуқаворӣии минтақа принсипҳои асосии он исбот карда шудааст. Аз ҷумла, робитаи зичи байни рушди устувори маҷмааи озуқаворӣ ва трансформатсияи сохтории иқтисодиёти минтақавӣ, ки имконият дод, ки раванди рушди устувор ҳамчун ҷузъи таркибии ислоҳоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ пешниҳод гардад; ягонагии фазои молиявию иқтисодии минтақаи аграрӣ, ки дар он ҳамоҳангии мутақобилаи соҳаҳо пайвастагии раванди такрористеҳсол ва коҳиши номувозинии институтсионалиро таъмин менамояд; зарурати риояи мувофиқат ва ҳамоҳангии манфиатҳои тарафайн; дарки низоммандӣ ва сохтормандии ҳамаи иштирокчиёни маҷмааи озуқаворӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои устувори иҷтимоию иқтисодӣ;

***исбот карда шудааст,*** ки амалишавии равандҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои комплекси озуқаворӣии вилояти Суғд дар сатҳи инкишофёбӣ қарор дорад. Бахри инкишоф додани фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси озуқаворӣ зарурияти амалишавии самтҳои зерин асоснок гардидааст: ташаккули кластерҳо дар комплекси озуқаворӣ; инфрасохтори инноватсионӣ; ҷалби кадрҳои баландихисос ба соҳа; ҷалби сармоягузориҳо; ҳавасмандии давлатии истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ;

***баён шудани*** механизмҳое, ки дар таъмини рушди устувори комплекси озуқаворин вилояти Суғд таҳкурсии асосӣ ба ҳисоб меравад. Ба монанди амалӣ намудан ва илман исботкардашудаи селексияи ватании растанӣ ва ҳайвонот; дастгирии давлатии муассисаҳои кишоварзӣ; беҳтар гардонидани инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ дар деҳот; баланд бардоштани музди меҳнати соҳаи кишоварзӣ; ташаккулёбии муҳити ташкилӣ-ҳуқуқӣ барои фаъолияти самараноки субъектҳои хоҷагидори комплекси озуқаворӣ; ташкили бозори яклухти озуқаворӣ; сиёсати дастгирии нархии маҳсулоти комплекси озуқаворӣ; ҳамкории илм бо истеҳсолоти комплекси озуқаворӣ; равнақ додани фаъолияти бозорҳои наздисарҳадии маҳсулоти кишоварзӣ; муҳоҷирати дохили барои азхудкунии заминҳои нав.

***ошкор гардидани*** коҳишёбии масоҳати заминҳои корам, ки ба бехатарии озуқаворӣ таҳдид эҷод менамояд. Сабабҳои асосии он мудаллал карда шудааст, аз ҷумла маҳдудияти молиявӣ, норасогии воситаҳои гардон, сатҳи баланди арзи воситаҳои қарзӣ, камшавии дастгирии давлатӣ, баландшавии нархи сӯзишворӣ, нуриҳо, душворӣ дар фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, коҳишёбии сатҳи механикунонӣ, ҷорӣ нагардидани технологияи интенсивикунонӣ.

***омӯхта шудани*** таҷрибаи хориҷӣ ва дар асоси он самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтидории захиравии комплекси озуқаворӣ муфассал карда шудааст, ки онҳо интенсификатсия ва инноватсиякунонии фондҳои асосии истеҳсолот; ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи хароҷотҳои тухмӣ ва нуриҳои минералӣ; баланд бардоштани сатҳи механикунонии истеҳсолоти кишоварзӣ; дастгирии таъмини захиравӣ аз ҷониби давлат; ҳалли мушкилоти экологии дар натиҷаи тағйирёбии иқлим бавуҷудомадаистода; ҷорӣ намудани ҳамкории бахши давлатию хусусӣ;

***аз нав такмил додани*** сиёсати иқтисодӣ доир ба рушди комплекси озуқаворӣ тавассути ҳавасмандгардонии фаъолнокии инвеститсионӣ, амалӣ намудани сиёсати сохторӣ, ҷорӣ намудани натиҷаҳои илмӣ-техникӣ, таҳқиқоти истеҳсолӣ, таҳияи коркардҳои экологӣ, ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳавасмандкунии амалиёти содиротӣ, алгоритми баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои комплекси соҳаи озуқаворӣ пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия** ба тариқи зайл тасдиқ карда мешавад:

***ҷорӣ карда шуданд:*** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти муаллиф аз ҷониби Филиали Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар вилояти Суғд зимни таҳияи Барномаҳои миёнамуҳлати соҳавӣ ва рушди соҳаи боғу токпарварӣ то соли 2030 (маълумотнома оид ба татбиқ № 94 аз 11.06.2024), Сарраёсати идораи кишоварзии вилояти Суғд амалишавии амнияти озуқаворӣ (маълумотнома оид ба татбиқ № 1/02-176 аз 25.06.2024), ҳамзамон дар ҷараёни таълим дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» (маълумотнома оид ба татбиқ № 45 аз 21.09.2024) мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***муайян карда шудаанд:*** заминаҳои илмии таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар иқтисодиёти минтақа, ки он аз зарурати ташаккулёбии бозори озуқавории инкишофёфтаи маҳсулоти рақобатпазир; ҳал намудани мушкилоти таъминоти аҳолии минтақа бо озуқавории солим; ташаккулёбии муҳити мусоиди рушд дар деҳот; оқилона ҷойгиркунии комплекси озууқаворӣ тибқи талаботи ояндаи аҳолӣ, тағйирёбии иқлим, хусусияти мавсимии истеҳсолот дар кишоварзӣ, шадидии рақобат дар бозори маҳсулоти озуқаворӣ иборат мебошад.

- ***офарида шудаанд:*** моделҳои самаранокии комплекси агроозуқаворӣ дар асоси таҳлили таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, ки татбиқи онҳо барои таъмини рушди устувори комплекси озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан вилояти Суғд мусоидат менамояд;

- ***муаррифӣ карда шуд:*** самтҳои дастгирии давлатии истеҳсолоти комплекси озуқавории вилояти Суғд, ки равияҳои зеринро дар бар мегирад: танзими давлатии нархҳои бозории маҳсулоти икшоварзӣ; танзимкунии ҳаҷми воридоти намудҳои асосии озуқаворӣ (гандум, орд, равғани растанӣ, шакар, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ); ҳавасмандкунии андозиву буҷавии истеҳсоли ватании маҳсулотҳои озуқаворӣ; амалигардонии «мониторинги озуқавории» аҳолӣ; механизми субсидиякунонии табақаҳои осебпазири аҳолӣ бо озуқаворӣ; дастгирии молиявӣ ва қарзҳои имтиёзнок аз тарафи бонкҳо барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;

- ***назария*** дар асоси муқаррароти бунёдии иқтисодӣ, ҳамчунин илмҳои соҳавии иқтисодӣ, ба монанди иқтисодиёти минтақавӣ,

иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, амнияти озуқаворӣ, иқтисодиёти соҳавӣ, алалхусус бахши кишоварзӣ ва дигарҳо ба роҳ монда шудааст;

- ***ғояи*** таҳқиқот ба таҳлили заҳматҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, истифодаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, муқаррароти барномаҳои давлатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси миллӣ, Барномаи саноатикунонии босуръат, стратегия ва консепсияҳои рушди соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омори расмӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***такя менамояд;***

- ***муайян шудаанд:*** самтҳои такмилдиҳии сиёсаи иқтисодӣ доир ба рушди комплекси озуқаворӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии фаъолнокии сармоягузорӣ, амалӣ намудани сиёсати сохторӣ, ҷорӣ намудани натиҷаҳои илмӣ-техникӣ, таҳқиқоти истеҳсолӣ, таҳияи коркардҳои экологӣ, ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ, ҳавасмандкунии амалиёти содиротӣ, алгоритми баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои комплекси соҳаи озуқаворӣ пешниҳод гардидааст.

- ***усулҳои*** таҳлили абстрактӣ-мантиқӣ, индуксия, дедуксия, усулҳои таърихӣ, таҳлили муқоисавӣ ва низомию сохторӣ, мушаххасгардонӣ-иқтисодӣ, ҳамчунин усулҳои анъанавии таҳлили иқтисодӣ, аз ҷумла гурӯҳбандӣ, муқоисакунӣ, қаторҳои динамикӣ, усулҳои оморӣ ва иқтисодӣ-математикӣ ***истифода шудаанд.***

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварии мавод, тартиб додани нақшаи диссертатсия, иҷрои он, гузаронидани пурсиш, коркарди маводи таҳқиқот, баромад ва маърузаҳо дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва нашри мақолаҳо;

- интишори 2 монография, 39 мақола, аз ҷумла 17 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷлис аз 15 ноябри соли 2025 шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Ҳакимзода Маъруф Маҳмудӣ ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои

диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд (1 нафар бо тариқи маҷозӣ), аз ҷумла аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар докторони илм. Аз 10 нафар иштирокдорони маҷлис бо ҳуқуқи овоздиҳӣ, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Ризозода Тӯра Раббим**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и, дотсент** **Саиджонов Содиқжон Шарифжонович**

***15 ноябри соли 2025***